**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маънoии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 6.2.01. – Забони тоҷикӣ**

Зарурат ва аҳамияти пажуҳиши мазкур, қабл аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки дар илми забоншиносии муосир забони ашъори Шамсиддин Шоҳин бо ғановати таркиби луғавӣ ва тарзи баёни сода дар таърихи забони тоҷикӣ, бахусус дар байни осори адибони охири асри XIX ва ибтидои садаи XX, мавқеи назаррас дорад. Тавре муҳаққиқони вазъи забони ин марҳила чун Носирҷон Маъсумӣ, Саидмурод Ҳоҷиев, Саидқул Сабзаев ба ин вижагии забон ва тарзи баёни шоир ишорат кардаанд. Аз ҷумла, устод Носирҷон Маъсумӣ қайд кардааст: «Вобаста ба муборизаи торафт шиддатёбандаи ҷараёнҳои адабӣ ин равия дар назм ба таври анъанавӣ давом мекард. Шамсиддин Шоҳин ҳам нақши забони зиндаи халқро дар кори ҳақиқатан инкишоф додани забони адабӣ ва оммафаҳму сода кардани забон ва услуби назм нисбат ба замони худ дуруст фаҳмида, бойигарии забони халқро аз шоирони дигари муосири худ бештар дарк карда тавонист».

Таҳқиқи забонии ашъори Шоҳин, бахусус, вижагиҳои таркиби луғавӣ, гурӯҳҳои луғавию маъноӣ, ҷойгоҳи вожаву истилоҳ дар баён, мақоми воҳидҳои луғавии қадима, омиёна ва воҳидҳои фразеологию зарбулмасалу мақолҳо дар ашъори шоир, унсурҳои луғавии то замони ӯ роиҷ дар забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ва пасон вожаҳои матрука (аз ҷумла, дар забони муосири форсӣ-тоҷикӣ), мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар таркибсозии забони ашъори шоир ва бо назардошти ҷойгоҳи луғатҳои осори адиб, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» омадаанд, нишон додани саҳми эшон дар инкишофи забони адабии тоҷикӣ бисёр муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Дар шароити кунунӣ дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи осори гуногуни баҷомонда аз гузаштагон дар ҳар шакл ва сатҳу сифат яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Зеро бо шинохти онҳо мақому манзалат ва манзараи забон дар он давр ва дар муҳити амалкарди муаллифин муайян ва

муқаррар карда мешавад, ки ин амал ба боландагиву мондагории забон низ мусоидат хоҳад кард. Оид ба вожаю истилоҳоти ва услуби гуфтори чеҳраҳои адабии мансуби асри XIX таҳқиқоти илмӣ ба назар намерасад. Аз ин назар, забони осори назмиу насрӣ, ки яке аз масъалаҳои мубрами ҳама давру замон ба ҳисоб рафта, махсусан, дар замони муосир бо суръат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо ва муносиботи ахлоқии забонӣ аз масъалаҳои муҳимме мебошад, ки аз диди улуми ҷомеашиносӣ, бавижа, забоншиносӣ ниёз ба таҳқиқ доранд. Баррасӣ ва пажуҳиши ашъори Ш. Шоҳин ҳамчун боризтарин чеҳраи адабии замони худ, на танҳо барои шиносондани забон ва ҳифзи вожаю истилоҳот, балки барои тарбияи насли наврас ва тақвияти мондагории забони тоҷикӣ дар шарҳу баёни вожаҳои соҳаҳои мухталифи ҳаёти мардуми тоҷик низ иқдоми муҳим ва мондагор мебошад.

Муҳаққиқ дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар рисола матраҳшуда аз усулҳои таҳлилу таҷзия, шарҳу тафсир, омориву мушоҳидавӣ ва синхронию диахронӣ истифода намудааст.

Дар маҷмуъ, метавон таъкид намуд, ки автореферати Шоҳзода Гулнора ба таври мухтасар, бо як равиши муназзам масъалаҳои мундараҷи диссертатсия - хусусиёти забонӣ, услубӣ ва мафҳуми вожаю истилоҳоти мансуб ба ашъори ин чеҳраи шаҳири илму адаби асри XIX-XX инъикос кардааст. Баррасӣ ва таҳлилҳои дар автореферат зикршуда баёнгари он аст, ки диссертант ба мақсади ниҳоии худ расидааст.

Хулосаи автореферат (диссертатсия) дар 14 банди мушаххас натиҷагириҳоро аз таҳқиқоти илмӣ фаро гирифтааст. Бандҳои хулоса мушаххас ва равшану возеҳ ифода ёфта, яке дигареро пурра менамояд, ки ин аз огаҳии назариявию илмии соҳиби диссертатсия дарак медиҳад.

Мувофиқи *низомнома дар охири диссертатсия* тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 3 банд оварда шуда, ба инобат гирифтану мавриди корбурд қарор додани онҳо услубшиносии илми забоншиносии тоҷикро метавонад боз ҳам такмил диҳад.

Аз номгӯйи мақолаҳои соҳиби диссертатсия бармеояд, ки муҳаққиқ

## *ТАҚРИЗ*

***ба автореферати диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.***

Таҳқиқу баррасии забони осори ниёгонамон аз лиҳози таркиби луғавӣ, вижагиҳои калимасозию истилоҳофарӣ, сарфу наҳв ва услубиёт муҳим ва саривақтӣ буда, барои муайян намудани густариши таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар давраҳои гуногуни ташаккулёбӣ мусоидат мекунанд.

Аз муҳтавои автореферати Шоҳзода Гулнора Амриддин бармеояд, ки кори таҳқиқии ӯ аз муқаддима, 3 боб, се фасл ва зерфаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

**Муқаддимаи** автореферати диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин тибқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия гардида, мақсаду вазифаҳо ва навоварии таҳқиқ, арзиши назарию амалӣ, методу усулҳои таҳқиқ муайян гардида, масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, нишон дода шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия «**Вижагиҳои маъноии ашъори Шамсиддин Шоҳин»** номгузорӣ шуда, аз се фасл иборат мебошад. Фасли аввал – «**Ҷойгоҳи вожаҳои қадимаи тоҷикӣ дар ашъори шоир»** ном дошта, дар ин фасл вожаҳое мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки имрӯз дар истифода қарор надоранд.

Зарфасли **дуюми фасли якум – «Вожаҳои марбут ба феъл»** ном дошта, диссертант он феълҳоеро баррасӣ намудааст, ки бештари онҳо хоси услуби адабиёти классикии тоҷик буда, онҳо назокату салосати низоми маъниро дар ашъори шоир таъмин намудаанд.

Зерфасли **сеюми** боби аввал **«Вожаҳои марбут ба зарф»** унвон гирифта, дар ин қисмати пажуҳиш ба таҳлили он зарфҳое таваҷҷуҳ дода шуда, ки аз форсии бостон боқӣ мондаанд.

**Фасли дуюми** боби мазкур **«Ҷойгоҳи калимаҳои омиёна дар ашъори шоир»** номгузорӣ шуда, он ба таҳлили вожаҳои ҳалқӣ-гуфтугӯйӣ ва шеваи корбурди он дар ашъори шоир бахшида шудааст. Диссертант сайри таърихӣ намуда, осори забоншиносонро таҳлилу баррасӣ намуда, сипас дар муқоиса хулосаҳои муҳим баровардааст. Инчунин, дар ин фасл калимаҳои иқтибосии арабӣ ва туркӣ, ки ба ин гурӯҳи лексика мансубанд мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар фасли сеюм – **«Ҷойгоҳи вожидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо дар ашъори шоир»** унвон дошта, муҳаққиқ ба масъалаҳои омӯзиши адабиёти назариявӣ ва корбурди воситаҳои муассири нутқ дар ашъори шоир таваҷҷуҳ намуда, ҷойгоҳи онҳоро дар ифоданокӣ ва бадеияти забони шоир нишон додааст.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Гурӯҳҳои луғавии ашъори Шамсиддин Шоҳин»** унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Фасли аввали боби мазкур **«Мавқеи муродифои луғавӣ дар ашъори шоир»** номгузорӣ шуда, дар он доир

ба корбурди ҳаммаънои исмӣ ва феълӣ таваҷҷуҳ намуда, онҳоро аз лиҳози бароmади забонӣ ба чунин гурӯҳҳо тасниф намудааст, ки ҷолиб мебошад: тоҷикӣ+тоҷикӣ, тоҷикӣ+арабӣ, арабӣ+арабӣ ва ғ.

**Фасли дуюми** боби дуюм **«Мавқеи калимаҳои сермаъно ё омонимҳо дар ашъори шоир»** ном дорад. Дар ин фасл муаллиф кӯшидааст, ки калимаҳои сермаъноро аз лиҳози мавқеи корбурд баррасӣ намуда, услуби шоирро дар ин самт нишон диҳад.

**Фасли сеюми** боби мазкур «**Мавқеи калимаҳои зидмаъно дар ашъори шоир»** унвон дошта, муҳаққиқ бар он назар аст, ки пажуҳиши ин навъи аз лиҳози корбурд, бароmади забонӣ як хусусияти хоси услуби шоир мебошанд. Дар ин фасл вижагиҳои зидмаъноии калимаҳои аслию иқтибосӣ, калимаҳои мураккаб бо маводи фаровон мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Мавқеи маъноии калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ»** ном доштааст. Дар фасли аввали боби сеюм калимаҳои иқтибосии арабӣ аз ҷиҳати тобиши маъно, хусусан, ба маъноҳои гуногун корбаст гардидани як вожа дар ашъори шоир ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Диссертант дар ин қисмати кор аз усули муқоиса истифода намуда, корбурди бархе аз вомвожаҳои арабиро бо забони Истиқлол муқоиса намудааст, ки ҷолиб мебошад.

**Фасли дуюми** боби сеюм **«Ҷойгоҳи вожаҳои забон ва сухан дар ашъори шоир»** унвон дошта, вожаҳои ин қисмати кор аз лиҳози бароmади забонӣ, тобиши маъно мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант дар зерфасли “Истилоҳоти забоншиносӣ дар ашъори шоир” як гурӯҳ истилоҳотро таҳлил намудааст, ки имрӯз дар истифода нестанд: мудғам, ҷумлаи тавсиф, асмо ва ғ.

Дар зерфасли чорум “**Истилоҳоти мусиқӣ дар ашъори шоир**” унвон дошта, истилоҳоти ифодакунандаи номи созҳои мусиқӣ таҳлил шудааст. Зерфсли панҷум “Нақши воситаҳои тасвир дар таркисозии ашъори шоир” ном дошта, барои дақиқии таҳқиқ муҳаққиқ санъатҳои тавсиф ба панҷ гурӯҳ даврабандӣ намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар зерфасли шашум он вожагоне мариди таҳлил қарор гирифтаанд, ки дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” бозтоб шудаанд. Дар автореферат қайд гардидааст, ки дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” 354 моддаи луғавӣ аз ашъори Шамсиддин Шоҳин истифода гардидааст.

Натиҷаҳои пажуҳиш, ки дар 14 банд манзур шудаанд, истиноди зарурӣ ба таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ ба назар мерасад. Илова бар ин, хулосаҳо мушаххас ва боэътимоданд.

Дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки зикри баъзеи онҳоро бамаврид мешуморем:

1. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар расиданд: саҳ.: 1, 17, 21...

2. Агар дар асоси усули басомад миқдори калимаҳои аслӣ ва иқтибосӣ дар диаграмма нишон дода мешуд, натиҷаи таҳқиқ равшантар баён мегардид.

Камбудиҳои зикршуда сифати корро коста намегардонанд, зеро довталаби дараҷаи илмӣ аз иҷрои мақсаду вазифаҳои гузошташуда баромадааст.

**Ҳамин тариқ,** автореферати диссертатсияи Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**


доктори илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи забони тоҷикии МДТ
«Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино» Низомӣ С.Ф.

Нишонӣ: 734067, шаҳри Душанбе,
маҳаллаи Навбаҳор, хонаи 622.
Тел.: 935154029
E-mail:sanobarnizomova66@gmail.com


Имзои Низомӣ Санавбар Фахриро
тасдиқ менамоям:
сардори Раёсати рушди кадрии Муассисаи
давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Сафаров Б.И.


Нишонии муассиса:
734003, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Сино 29-31;
Тел.: (+992) 44-600-39-77; факс: (+992) 235-34-96
E-mail:info@tajmedun.tj
Сомонаи расмӣ: www.tajmedun.tj


«18» марти соли 2026.